ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзӯи «Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 1.5.12. физиология ва биохимияи растаниҳо.

Маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ дар бисёр маврид устувории онҳоро ба омилҳои номусоиди атрофи минтақаи муайяни хоҷагӣ нишон медиҳад. Бисёри растаниҳои кишоварзӣ дар ноҳияҳое мерӯянд, ки заминдориашон ноустувор аст, яъне дар онҷо норасогӣ ё барзиёди боришот, зимистони суст ё тобистони гарм, шӯрнокӣ ё ишқоршавии замин дида мешавад. Мутобиқати онтогенетикии растанӣ ба шароитҳои муҳити атроф дар натиҷаи таҳаввулоти рушду нумуъ ба амал меояд. Дар давоми филогенез ҳар як растанӣ дар раванди таҳаввулот қобилияти муайяни мутобиқат ба ин ё он муҳити махсуси экологиро пайдо менамоянд. Бинобар ин, гузаронидани таҳқиқоти илмӣ оид ба ошкор намудани равандҳои биохимиявӣ ва омӯзиши мубодилаи обӣ ва маҳсулнокии фотосинтетикии навъҳои серравған характери илмӣ-амалӣ дошта, хело рӯзмара мебошад.

Навгони илмии таҳқиқот дар он мушоҳида мегардад, ки муаллиф бори аввал дар шароити Тоҷикистони ҷанубӣ таъсири омилҳои иқлимиро ба ҳосилнокии биологӣ ва сифати тухмии навъҳои офтобпарасти серравғанро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф аз ҷиҳати илмӣ исбот кардааст, ки навъҳои равғандори офтобпарастро вобаста ба минтақаҳои баланди захираҳои термикӣ ё миқдори зиёди нисбии намнокии ҳаво парвариш кардан мақсаднок аст.

Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқотҳои амалӣ ба дастовардаи муаллиф мумкин аст, ки дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шавад. Натиҷа ва равишҳои асосии таҳқиқотии корро мумкин аст, ки дар раванди таълимии соҳаи биология ва агрономӣ ҳангоми хондани курсҳои махсуси физиология ва биохимияи растаниҳо истифода бурд.

Рисолаи мазкур дар ҳаҷми 156 саҳифаи матни чопи компютерӣ ифода гардида, тибқи талаботи тартиб ва услуби илмӣ сохторбандӣ шудааст: кор аз чор боби асосӣ иборат буда, дар дохили онҳо 21 зербоб ҷудо карда шудааст, ки пайдарҳамӣ ва мантиқии пешниҳоди маводро

таъмин менамояд. Барои возеҳият ва тасдиқи натиҷаҳо муаллиф аз 24 ҷадвал ва 11 маводи иловагии тасвирӣ (расмҳо) истифода бурдааст. Илова бар ин, ба матни диссертатсия мулоҳизаҳо ва баҳсҳо, як замима ва хулосаи ниҳоӣ дохил карда шудаанд. Феҳристи адабиёт 154 манбаъро дар бар мегирад, ки аз онҳо 55 адад ба осори муҳаққиқони хориҷӣ тааллуқ доранд. Рисола аз сарсухан, тавсифи адабиётҳо объект ва усули таҳқиқот, натиҷаи таҳқиқот, муҳокима, хулоса, пешниҳод ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат аст.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф донишҳои равандҳои физиологӣ ва биохимиявиро дар растани тасдиқ карда, аз ҷумла таъсири ҳарорат ва дигар омилҳои иқлимиро ба маҳсулнокии навъҳои серравғани офтобпараст ошкор кардааст.

Дараҷаи дурустӣ ва апробация натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқоти дар вақти гузаронидани тамоми корҳои таҷрибавӣ дуруст ва мукаммал буда, дар он усулҳои асоснок истифодашаванда истифода бурда, инчунин дар таҷриба миқдори дурусти такрори ташхиси растанӣ истифода карда шудааст. Дар раванди таҳқиқотҳои саҳроии натиҷаи он апрабатсия карда шудааст. Маводҳои рақамии таҷриба аз рӯи усулҳои муосир коркард карда шудааст. Дар рисолаи мазкур маълумотҳои гирифташудаи шахсии муаллиф гирд оварда шудааст.

Маводҳои кори мазкурро дар ҷараёни раванди таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ барои магистрон, аспирантон ва мутахассисони соҳаи ҳифзи муҳити зист метавон истифода кард.

Автореферат комилан ва пурра мазмуни рисолаи илмиро инъикос менамояд.

Норасои ба миқдор ва ба расмият даровардани диссертатсия. Дар баҳодиҳии умумӣ чунин қайд кардан мумкин аст, ки рисолаи номзадии Иброҳимов Қобилҷон ба таври мусбат арзёбӣ карда мешавад. Ҳамзамон дар рисолаи мазкур якчанд норасогӣ ҷой дошта ва фикру андешаи хешро баён менамоям:

1. Хуб мегашт, ки баъзе аз ҷадвал ва нақшаҳо дар замима оварда мешуд;
2. Дар матн хатогиҳои имлоӣ, сабкӣ ва услубӣ ҷой доранд;
3. Хуб мешуд, ки қисмати шарҳи ботаникии навъҳои офтобпарастро ба фасли алоҳида тартиб дода мешуд;
4. Қисмати хулосавиро мухтасар намуда ва он аз доираи муқаррарот берун набошад.

Хатогиҳои дар боло зикр гардида арзиши илмии рисоларо паст наменамоянд, натиҷаҳои асоси ва хулосаи пешниҳодгардидаи диссертатсия мусбат арзёби карда мешавад.

Дар умум, кори рисола дар мавзуи хеле муҳим баррасӣ карда шудааст. Ин кори илмӣ-таҳқиқотӣ ба анҷом расида буда, дорои хусусияти илмӣ таҷрибавӣ мебошад. Натиҷаҳои илмии нави муаллиф барои истифода дар самтҳои илмӣ физиологияи растани аҳамияти муҳим дорад.

Кори диссертатсионӣ дар асоси маълумотҳои аввалияи таҳқиқот, ҳисобу китоб ва намунавӣ тартиб дода шудааст. Кор возеҳу равшан ва осонфаҳм навишта шуда хеле хуб ҷобаҷо карда шудааст. Автореферат қисмати асосии диссертатсияро дар бар гирифта тибқи талабот тартиб дода шудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия оварда шуда аз натиҷаҳои таҳқиқотии муаллиф сарчашма мегирад. Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқотҳои амалӣ ба дастовардаи муаллиф мумкин аст, ки дар соҳаи кишоварзӣ истифода карда шавад. Натиҷа ва равишҳои асосии таҳқиқотии корро мумкин аст, ки дар раванди таълимӣ соҳаи биологӣ ва аграномӣ ҳангоми хондани курсҳои махсус истифода бурд.

Дар маҷмӯ кори диссертационии Абдукаримзода Қ. А. дар мавзӯи «Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)» бо муҳимият, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, миқдор ва ҳаҷми кор, бо эътимод будани натиҷаҳои ба бадастомада, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта барои дифоъ муаллифи он барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои биология аз рӯи ба тахассуси 1.5.12. физиология ва биохимияи растаниҳо арзанда мебошад.

Номзади илмҳои биологӣ,
дотсенти кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварӣ
Донишгохи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтеҳмур Қосумбекзода Ф.А

Имзои Қосумбекзода Ф.А. тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтеҳмур Курбонзода А.Х.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003,
ш. Душанбе, кӯчаи Рудакӣ 146,
тел.: +992 (37)247207
E-mail: rectoratau31@mail.ru

16 10 2026